# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи Махсудов Аслиддин Мухаббатович дар мавзӯи “Ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2021)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 - Таърих, ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони муосир, омӯзиши минтақа ва навоҳии алоҳидаи он хеле муҳим ва саривақтӣ дошта, аҳамияти калони таърихӣ-кишваршиносӣ дорад. Муаллиф дар рисолаи илмиаш вазъи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии навоҳии водии Раштро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар рафти омӯзиш муаллиф доираи васеи сарчашмаҳо, хусусан маводҳои бойгониро истифода бурдааст, ки арзиши илмии рисоларо афзудаанд. Инчунин муаллиф дар таҳқиқоти худ кӯшиш карддааст, ки то сабабҳои пастравии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва бахусус водии Раштро дар охири асри XX – аввали асри XXI муайян намояд, ки мубрамияти мавзӯъро дучанд мекунад.

Мавзӯи мазкур дар таърихнигории миллӣ падидаи нав мебошад, зеро доир ба таърихи муосири водии Рашт то имрӯз таҳқиқоти арзандае сурат нагирифтааст. Дар рафти таҳқиқот докторант аз маводҳои бойи бойгонӣ ва сарчашмаҳо истифода кардааст, ки қисми зиёдашон бори нахуст ба доираи илмӣ ворид карда мешаванд. Хулосаҳои унвонҷӯ Махсудов Аслиддин Муҳаббатович оид ба таҳқиқи мавзӯъ илман асоснок мебошанд. Таърихи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар марҳилаҳои асосии рушди он, эҳёи соҳаи кишоварзӣ, тандурустӣ, сайёҳӣ дар дисертатсия инъикоси пурраи худро ёфтааст.

Нақшаи рисола ва бобу зербобҳои он мушаххас буда, бо риояи муқаррароти илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд. Номи бобу зербобҳо ба

номи дисертатсия мувофиқат карда, паҳлӯҳои гуногуни мавзӯъро баррасӣ ва кушода медиҳад. Ҳамаи бобу зербобҳо бо хулосаву натиҷагириҳои илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Диссертатсияи мазкур ба ихтисоси пешниҳодшавандаи 6D020301- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқ аст.

Аз ин рӯ, аз Шӯрои олимон дархост карда мешавад, ки диссертатсияи Махсудов Аслиддин Муҳаббатович дар мавзӯи "Ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991-2021)", барои дифоъ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 - Таърих, ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) барои баррасӣ пешниҳод карда шавад.

Муқаррризи холис, н.и.т. Ҳасанова М.М.

Тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии ба номи
А.Дониши АМИТ Файзулоев Г.Қ.

27.04.2022.